**МАЪРӮЗА**
**«ДАР БОРАИ ҶАМЪБАСТИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2019 ВА ИҶРОИ ВАЗИФАҲО ТО ОХИРИ СОЛИ 2019»**

Бо рӯҳбаландии бошукуҳи ҷашнгирии 22-юмин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ, дар сатҳи баланди ташкилию байналмиллалӣ гузаштани Саммити Машварати Ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё бо иштироки 55 кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмиллалӣ ва эълон гардидани соли 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қувваю нерӯи тоза Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, фармонҳо, супоришҳо, дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои омор ва барномаю нақшаҳои иқтисодию иҷтимоиро сармашқи кори худ қарор дода, маҷмӯи тадбирҳои ҳадафнокро роҳандозӣ намуда, дар нимсолаи якуми соли 2019 ба як қатор нишондиҳандаҳои назаррас ноил гардид.

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2019», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018 -ум №561, тасдиқ карда шудааст ва вазифаҳои дар назди мақомот дар нимсолаи якуми соли 2019 гузошташударо пурра иҷро намуд.

Дар маҷмуъ дар нимсолаи якуми соли 2019 - 4908 корҳои оморӣ ба анҷом расонида шуд, ки аз иҷрои пурраи барномаи корҳои оморӣ шаҳодат медиҳад.

Мукотиботи Агентии омор аз рӯи ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2019 нишон дод, ки дар ин давра ба Агентӣ 1571 маводҳои ҳуҷҷатнигорӣ аз онҳо 408 амру фармонҳо, қарорҳо, дастуру супоришҳо, нусха аз протоколи ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаву чорабиниҳо, инчунин 38 қонуну қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 780 мактуб аз вазорату идораҳо, 150 мактуб аз мақомоти маҳаллии омор, 165 мактуб ба воситаи Ҳукумати электронӣ ва почтаи электронии Агентӣ ва 30 муроҷиати шаҳрвандон бо тарзи хаттӣ ворид шудаанд, ки мавриди корбарӣ қарор гирифта, саривақт иҷро ва мувофиқи дархостҳо ҷавобҳои дахлдор фиристода шуданд.

Ғайр аз ин, тибқи Барномаи корҳои оморӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 таҳқиқотҳои омории интихобии “Бозорҳои фурӯши чорво ва автомобил, нуқтаҳои фурӯши сӯзишвории мошин ва маводи сӯхту равғанҳои молиданӣ, мағозаҳо, қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо, дорухонаҳо” аз рӯи ҳамаи шаклҳои моликият, таҳқиқоти “нархи фурӯши маҳсулотҳо дар бозорҳо”, таҳқиқоти “буҷети хоҷагии хонавода”, таҳқиқоти интихобии “хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ” ва баҳисобгирии сартосарии саршумори чорво гузаронида шуд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 тибқи Барномаи корҳои оморӣ 11 маҷмӯаи оморӣ, 90 бюлетени оморӣ, 10 маълумот, 25 иттилооти таъҷилӣ ва 32 гузоришҳои оморӣ омода ва нашр карда шуданд.

Илова ба ин дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ вобаста ба иҷрои банди 8 нақшаи чорабиниҳои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шурои миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо супориши Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2018 ба вазорату идораҳо барои иҷро ирсол шуда буд, нақшаи чорабиниҳо оид ба анҷом расонидани гурӯҳбандии нишондиҳандаҳои асосии Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки ба бахшҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ дахл доранд, раванди милликунонии онҳо барои манзур намудан ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба зиммаи Агентии омор, вазорату идораҳо ва шарикони рушд вогузор шуда буд то санаи 1 апрели соли 2019 муайян шуда, ба анҷом расонида шуд.

Бо ҳамин мақсад, Агентии омор дар якҷоягӣ бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо ба мувофиқа расиданд, ки гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба милликунонии Ҳадафҳои Рушди Устувор таъсис дода шавад.

Мутобиқи пешниҳоди расмӣ аз ҳисоби роҳбарият ва мутахассисони 21 мақомоти дахлдор ва роҳбарият ва кормандони Агентии омор гурӯҳи кории мазкур тибқи фармоиши Директори Агентии омор таъсис дода шуд.

Дар давраи сипаришуда ҳамчунин мақомоти омори давлатӣ гурӯҳбандии марҳилаи якуми нишондиҳандаҳои глобалии Ҳадафҳои Рушди Устуворро аз рӯи вазорату идораҳо ва созмонҳои байналмилалии мутасаддӣ, таснифи онҳо аз рӯи меёрҳои байналмилалӣ (яъне гурӯҳи 1, гурӯҳи 2 ва гурӯҳи 3) ба анҷом расонида, барои баррасӣ қаблан ба ҳамаи вазорату идораҳои дахлдор ирсол намуда, таклифу пешниҳодҳои онҳо ба инобат гирифта шуданд.

Лозим ба қайд аст, ки ҷаласаи нахустини Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба милликунонии нишондиҳандаҳои ҲРУ санаи 14 марти соли 2019 бо иштироки намояндагони (аъзоёни гурӯҳи корӣ) вазорату идораҳои соҳаи иқтисодӣ ва санаи 15 марти соли 2019 бо соҳаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ, вобаста ба нишондиҳандаҳои дахлдори ҲРУ гузаронида шуда буд.

Бо мақсади назорати корҳо аз ҷониби аъзоёни Гурӯҳи корӣ ва масъалагузорӣ намудани мавзуъҳои муҳим дар самти нишондиҳандаҳои омории ҲРУ ҷаласаҳои навбатӣ санаи 19-20 июни соли 2019 дар Агентии омор баргузор гардид. Санаи 19 июн ҷаласа бо шарикони рушд ва санаи 20 июн бо аъзоёни гуруҳи корӣ – намояндагони вазорату идораҳо баргузор гардид. Дар ҷаласаҳо масъалаи мавҷудияти нишондиҳандаҳо дар вазорату идораҳо, мушкилиҳо дар самти ҷамъоварии онҳо, айнан ё ба ҳамин монанд нишондиҳандаҳо, ки дар Стратегияи Миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, стратегия ё барномаҳои соҳавӣ мавҷудбуда, инчунин барои нишондиҳандаҳое, ки имконияти таҳия надоранд, пешниҳоди нишондиҳандаи монанди ҷойивазкунандаи миллӣ, инчунин ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии вобаста ҷиҳати ҷамъоварии нишондиҳандаҳои ҲРУ бо истифода аз методологияҳои байналмилалӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор гирифт. Аз ҷониби шахсони мутасаддии Агентии омор дар ҷаласаҳои мазкур рӯнамоҳо оид ба намунаи нишондиҳандаҳои ҲРУ ва нишондиҳандаҳои СМР-2030, таҷрибаи давлатҳо ҷиҳати ҷамъоварии нишондиҳандаҳои маъмурии ҲРУ ва пешниҳоди портали намунавии миллӣ барои ҷамъоварӣ ва паҳннамоии нишондиҳандаҳои ҲРУ нишон дода шуд. Корҳо дар ин самт идома дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар сатҳи байналмилалӣ гурӯҳи кории коршиносон оид ба Ҳадафҳои Рушди Устувор амал мекунад, ки намояндаи Агентии омор давлатҳои Осиёи Миёнаро муаррифӣ намуда, мунтазам дар ҷаласаҳои корӣ ва муҳокимаҳо иштироки фаъолона дорад.

Аз ин ру, иҷрои супориши мазкур хусусияти давомдор дошта, марҳила ба марҳила, бо дарназардошти таҳия шудани методология, муайян шудани сарчашмаи итттилоот ба руйхати нишондиҳандаҳои миллӣ шомил карда мешаванд.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 гузоришҳои иқтисодӣ «Дар бораи заминҳои кишт, ҷамъоварии ҳосил ва ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ дар соли 2018», «Дар бораи баҳисобгирии саршумори чорво дар ҳама ҳамаи категорияҳои хоҷагидории Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2019», «Гузориш оид ба вазъи соҳаи чорвопарварӣ дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018», «Гузориш оиди ҳолатҳои фавкулода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018», «Дар бораи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар сатҳи минтақаҳо», «Дар бораи коркарди нерӯи барқ дар НОБ-ҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи тарози спирти этилӣ ва маҳсулоти шаробу арақ», «Дар бораи коркарди пахтаи хом ва истеҳсоли нахи пахта», «Дар бораи фаъолияти корхонаҳои пудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018», «Оид ба шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар аввали соли хониши 2018/2019».

Илова ба ин, дар доираи лоиҳаи «СММ Занон» ҷадвалҳои маҷмӯаи омории "Занҳо ва Мардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардида истода, тибқи нақша дар давоми нимсолаи дуюми соли ҷорӣ ба нашр расонида мешавад.

Дар робита ба такмили омори кишоварзӣ, таҳияи махзани маълумот бо дастгирии техникӣ ва молиявии Ташкилоти озуқа ва кишоварзии СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Лоиҳа «Тақвият додани муассисаҳо ва иқтидори Вазорати кишоварзӣ ва Хадамоти давлатии байторӣ оид ба таҳияи сиёсат», аз санаи 11 то 16 феврали соли 2019 ташрифи коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи омор аз Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ сурат гирифт, ки вобаста ба тавозуни захираи маҳсулоти озуқа ва такмили таҳияи методологияи тавозуни озуқаворӣ бахшида шудааст.

Ҳамзамон санаи 13 феврали соли 2019 семинар дар мавзӯи «Методологияи тавозуни захираи маҳсулоти озуқа, инъикоси проблемаҳо ва мушкилот» доир гардид, ки дар кори он роҳбарият ва сардорони раёсатҳои Агентӣ, намояндагони вазорату идораҳо: вазоратҳои кишоварзӣ, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Бонки миллӣ, Хадамоти гумрук ва Академияи илмҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Маврид ба зикр аст, ки Тавозуни захираи озуқаворӣ – ин низоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи сарчашмаи ташаккули

захираи намудҳои асосии озуқа ва манбаъҳои истифодаи онҳо мебошад. Тавозун ҳаракати маҳсулотро аз лаҳзаи истеҳсол то истифодаи ниҳоии он тавсиф мекунад, таҳлили ҷорӣ ва таҳияи дурнамои вазъиятро дар бозори истеъмолӣ фароҳам меорад, талабот ба воридот, фондҳои истеъмоли молҳои озуқаро арзёбӣ менамояд.

Ҷиҳати иҷрои банди 35-уми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №614 аз 29 октябри соли 2015, дар бораи «Гузаронидани баҳисобгирии чорво (инвентаризатсия) дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ, деҳқонӣ ва аҳолӣ»-ро зери назорати қатъӣ қарор дода, пайваста корҳоро ба анҷом мерасонад.

Рӯзҳои 28-29 марти соли 2019 дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Бонки осиёгии рушд семинари омузишӣ дар мавзӯи “Таҳлили иқтисодии ҷадвали “Хароҷот-Истеҳсол” баргузор гардид. Дар семинари мазкур роҳбарият ва кормандони Агентии омор, намояндагони Бонки миллӣ, вазорату кумитаҳо аз ҷумла: Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати кишоварзӣ, Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи рушди сайёҳӣ, Хадамоти гумрук ва ғайра ширкат варзиданд. Аз ҷониби коршиносони Бонки осиёии рушд роҳбари коршиносони минтақавӣ Йозеф Махинзан, коршиносони дигар Жулета Магаланес, Джон Арвин Бернабе ва Алберт Сан Жуан иштирок доштанд.

Роҳбари гуруҳи кории Бонки осиёии рушд Йозеф Махинзан дар баромади худ зикр намуд, ки дар ҷараёни кори семинар якчанд намунаҳои таҳлилии ҷадвали “Хароҷоту Истеҳсол” пешкаш карда мешаванд, ки барои фаъолияти минбаъдаи самт судманд хоҳанд буд. Ҳамчунин дар кори семинар бо истифода аз усулҳои навтарини ҷадвали “Хароҷот-Истеҳсол” ва таҷрибаи кишварҳои пешрафта ба мутахассисон маълумот пешниҳод карда шуд.

Бо мақсади муқаррар намудани тартиби ягонаи ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи пешқадами давлатҳои ИДМ якҷо бо вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияи нав, энергетика ва захираҳои об, кишоварзӣ ва кумитаҳои андоз «Дастурамали ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (молҳо,

хизматрасонии саноатӣ)» дар таҳрири нав таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Дастурамали мазкур бо мақсади муқаррар намудани тартиби ягонаи ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби мақомоти омори давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст. Заминаи ҳуқуқии дастурамали мазкур аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омори давлатӣ» (аз 12 январи соли 2010 №588) сарчашма гирифта, мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ таҳия шудааст. Ҳамзамон дар таҳияи Дастурамали мазкур методологияи «Системаи (низоми) Ҳисобҳои Миллии соли 2008», «Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодии тафсири - 2» ва тавсияҳои байналмилалӣ оид ба омори саноат ба асос гирифта шудаанд.

Инчунин бо мақсади такмили низоми миллии омор барои инъикоси дурусти истеҳсоли маҳсулотҳои саноатӣ бо Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии маълумотҳои оморӣ бо меъёрҳои байналмилӣ шурӯъ аз моҳи январи соли ҷорӣ маълумотҳои омории ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ пурра ба талаботи ТУНФИ – 2 мутобиқ карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳар моҳ то санаи 10-ум Буллетенҳои омории «Нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти сармоягузорӣ дар маҷмӯи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ» дар ҳамкорӣ бо раёсати дахлдори МД «МКҲ» таҳия карда мешавад.

Дар нимсолаи аввали соли 2019 ҷиҳати такмили метология ва коркарди ҳисоботҳои оморӣ Шурои методологии Агентии омор, Дастурамал оид ба мушоҳидаҳои нархҳои истеъмолии молҳо, хизматҳо ва ҳисоби индексҳои нархҳои истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдорро тасдиқ намуд, бо назардошти тағйиру иловаҳо тибқи пешниҳоди ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ аз 31 декабри соли 2018, №6 шакли №1 – Санҷиш (семоҳа) «Ҳисоботи мақомоти санҷишӣ» аз нав тасдиқ гардид, дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор Дастурамали ташаккули ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ тасдиқ карда шуд, ҳамчунин дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор Методикаи ташаккули ҳисоби нишондиҳандаҳои омории хоҷагиҳои аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ тасдиқ карда шуд, бо мақсади дар сатҳи зарурӣ гузаронидани таҳқиқоти интихобии соҳибкорони хусусӣ (шахсони

воқеӣ) Дастури методӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти интихобии омории соҳибкорони хусусӣ (шахсони воқеӣ) оид ба баҳисобгирии ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонии тиҷоратӣ тасдиқ гардид, ҳамчунин ҷиҳати ба стандартҳои байналмилалӣ ва муосир мутобиқ намудани нашри иттиллоти оморӣ Низомнома оиди тартиби нашр ва навкунии маводи иттилоотӣ дар сомонаи расмии Агентии омор тасдиқ карда шуд, ҳамчунин аз тарафи Шурои метологии Агентӣ Методологияи ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо усули истеҳсолот ва Методологияи ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо усули хароҷот, ҳисоботи омории шакли №1 – Саноат (соҳибкорони инфиродӣ» (семоҳа) – Ҳисобот оид ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ, бо дастурамалаш тасдиқ карда шуд.

Гузариш ба ҳисоботи электронии оморӣ тақозои замон буда, дар доираи татбиқи Лоиҳаи «Стратегияи миллии рушди омор», айни замон ҳисоботҳои омории моҳонаи соҳавӣ аз ҷумла ҳисоботҳо оид ба меҳнат ва ҳаракати қувваи корӣ, ҳисоботи соҳаҳои саноат, савдо ва хизматрасонӣ, сохтмон, нақлиёт, молия, ҳисоботи солонаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва актуаликунонии варақаи регистри оморӣ бо усули электронӣ ба роҳ монда шуданд ва дар самти пешниҳоди ҳисоботи электронии дигар соҳаҳо низ иҷрои корҳо идома доранд.

Дар давраи сипаришуда иҷроиши корҳои оморӣ оиди нархи молу маҳсулот тибқи нақша амалӣ шуданд.

Нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ, ғайриозуқа ва хизматрасонӣ ҳар моҳ аз тарафи мақомотҳои омори вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо дастрас карда шуда, мавриди коркард қарор гирифта, нархи миёнаи ҳар як намуди маҳсулот дар сатҳи ҷумҳурӣ ва индекси маҳсулотҳои озуқаворӣ, ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонӣ ҳисоб карда шуда, ба истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ пешниҳод гардидааст.

Мунтазам ҳар моҳ нархи миёнаи молу маҳсулотҳо ба таври электронӣ пур карда шуда дар сомонаи расмии мақомоти омор бо се забон ҷойгир карда мешавад, ки ҳамаи истифодабарандагони маълумотҳои оморӣ бе ягон монеа аз маводи мазкур истифода мебаранд.

Ҳамзамон ҳар ҳафта маълумотнома оиди нархҳои маҳсулотҳои асосӣ (зиёда аз 25 намуди маҳсулот) дар миқёси шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат (дар 22 шаҳру ноҳия) таҳия ва ба доираи муайяни истифодабарандагон пешниҳод карда мешавад. Ин маълумотҳо низ мунтазам дар сомонаи расмии Агентӣ ҷойгир карда мешаванд.

Дар самти ҳамкориҳои байнидавлатии оморӣ дар нимсолаи якуми соли 2019 корҳо бо Кумитаи омори байнидавлатии давлатҳои ИДМ идома пайдо карда ҳамаи маълумотҳои дахлдори моҳона ва семоҳа оиди соҳаҳои ичтимоию иқтисодӣ саривақт пешниҳод гардиданд.

Инчунин ба Кумитаи омори ИДМ тибқи «Тавсияҳои методологӣ оиди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолии гармонизатсияшуда дар асоси таҷрибаи мақомоти миллии давлатҳои аъзои ИДМ» дар асоси вазнҳои мавҷуда барои ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ барои соли 2019 вазнҳои нав ҳисоб ва ирсол карда шуданд.

Ҳамзамон ҳар моҳ барои омодасозии шарҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии индекси нархҳои истеъмолӣ «таваррум дар бахши истеъмолӣ», аз мақомоти омори давлатҳои ИДМ, аз ҷумла аз мақомоти омори Қазоқистон ва Қирғизистон оиди сатҳи таваррум маълумот дастрас карда мешавад ва маълумот оиди сатҳи таваррум дар Тоҷикистон низ ба онҳо ирсол мегардад.

Дар моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ бақайдгирии нархи молу маҳсулот ва хизматрасониҳо дар доираи иҷроиши корҳои Барномаи муқоисакуниҳои байналмилалӣ амалӣ шуданд, ки дар доираи ин кор аз ҷониби мутахассисони Кумитаи байнидавлатии омори ИДМ ҷадвалҳои электронӣ таҳия ва барои воридкунии маълумотҳо пешниҳод шуд.

Дар самти модернизатсиякунонии пешбурди маълумотҳои ҳафтаинаи нарх, ки дар доираи Лоиҳаи Бонки Умумиҷаҳонӣ аз ҷониби Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» амалӣ карда мешавад корҳо дар самти раванди ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди маълумотҳои нархҳои ҳафтаина идома доранд ва харидории таҷҳизотҳо ба анҷом расонида шуд, ки ҷиҳати амалинамоии механизми паҳнкунии маълумотҳо тавассути SMS-паёмакҳо ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар назар дошта шудааст. Идомадиҳии корҳо дар ин самт бо консортсиуми ташкилотҳои Зеркало ва Нексигол-мушовир идома доранд. Айни замон аз ҷониби мутахассисони ташкилотҳои мазкур, омӯзиш ва аниқнамоии талаботи истеҳолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба нархи намудҳои маҳсулот, даврияти гирифтани маълумоти нархӣ ва омодагии онҳо ба пардохти арзиши маълумоти нархӣ мавриди амал қарор дода шуда истодааст. Инчунин лоиҳаи

Қарордод миёни истифодабарандагони маълумоти нархҳои ҳафтаина ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст ва дар баррасӣ қарор дорад.

Дар ин росто, аз мақомоти омори маҳаллӣ дархост шудааст, ки ному насаби шахсони масъул – бақайдгирандаҳо барои ба қайдгирии симкортҳо ва минбаъд истифода планшет барои ҷамъоварии маълумот пешниҳод намоянд.

Тибқи нақшаи якҷоя истифодаи барномаи мазкур аз нимсолаи дуюми соли 2019 ба роҳ монда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки аз моҳи январи соли 2019 дар шаҳри Турсунзода бақайдгирии нархҳои истеъмолии молу маҳсулотҳо бо даврияти моҳона ҷиҳати ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ барои андозагирии сатҳи таваррум ҷорӣ карда шудааст. Аммо пешбурди босифат ва иҷроиши саривақтии корҳои оморӣ дар ин самт аз баъзе камбудию норасоиҳои характери ташкилию методологӣ дошта холӣ нест. Масъулони мақомоти омори шаҳрро мебояд дар самт корҳоро ҷоннок ва иҷроиши саривақтии пешниҳоди маълумотҳоро таъмин намоянд, зеро дар давоми моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ барои иҷроиши ин корҳо ва расонидани ёрии амалӣ дар ин самт се маротиба мутахасссиони Дастгоҳи марказии Агентӣ ва Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарори»-и Агентӣ сафарбар карда шуданд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил яке аз чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва умумиҷаҳонӣ буда тибқи пешниҳоди Созмони Миллали Муттаҳид ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барӯйхатгирии аҳолӣ" ҳар даҳ сол як маротиба бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаронида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2000-ум барӯйхатгирии аҳолӣ ва соли 2010-ум барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро гузаронида, марҳилаи тайёрӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020-ро соли 2016, тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №572 аз 12 октябри соли 2015 "Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" амалӣ гардида истодааст.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 гузориш “Оид чораёни иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон”, оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷамъбъасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019” ва “Ҳисобот оид ба фаъолияти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи корҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020” ирсол карда шуд.

Рӯзҳои 24 - 25 майи соли ҷорӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бо дастгирии молиявии Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид, дастурдиҳии омӯзишӣ бо мутахассисони барӯйхатгирии аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят дар мавзӯи “Рафти корҳои тайёрӣ ва тартиби гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” гузаронида шуд. Тибқи нақшаи кории раёсат чунин дастурдиҳии омӯзишӣ дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ низ дар семоҳаи сеюми соли ҷорӣ дар назар аст.

Ҳамзамон аз 17 то 27 июни соли равон дар бинои Агентии омор бо дастгирии молиявии Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид семинари омӯзишӣ байналмилалӣ дар мавзӯи “Ҷамъоварии маълумотҳо бо воситаи таҷҳизоти мобилӣ” барои мутахассисони мақомоти омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронида шуд, ки дар кори он аз мақомоти омори ҷумҳуриҳои Узбекистон, Гурҷистон, Молдова, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Озарбойҷон ширкат варзиданд.

Ҳамчунин лоиҳаи буҷети барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 ва дурнамо барои солҳои 2020 – 2021 таҳия гардид, шумораи пешакии кормандони муваққатан ҷалбшаванда, миқдори зарурии маводҳои конселярӣ, маводҳои таблиғотӣ, шумораи техника ва технологияи муосир ва таҳияи барномаҳои коркарди маводҳои барӯйхатгирии аҳолиро муайян гардида истодааст.

Рӯзи 19 апрели соли 2019 ҷаласаи навбатии Комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ дар назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Қоҳир Расулзода баргузор гардид, ки дар он масъалаҳои зерин баррасӣ гардиданд: "Оид ба рафти корҳои тайёрӣ ба барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020" ва "Оид ба рафти иҷроиши супоришҳои протоколии ҷаласаи якуми комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ аз 13 июни соли 2018".

Баҳри иҷрои банди 3-и протоколи зикршуда барои равона намудани маблағҳои шарикони рушд, рузи 28 июни соли 2019 дар бинои Агентии омор, ҷиҳати таъминоти мақомоти омор бо техникаи иттилоотии зарурӣ барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, бо намояндагони беш аз 25 созмонҳои байналмиллалию намояндагиҳои ташкилотҳои хориҷӣ ва вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, бо дастгирии молиявии Хазинаи нуфузи Созмони Миллали Муттаҳид ва дастгирии техникии Агентии омор, мизи мудаввар барпо гардид.

Тибқи банди 4-и протоколи ҷаласа Агентии омор дар ҳамкорӣ бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили марҳилаи навбатӣ саволҳои дахлдор вобаста ба маъюбӣ, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд пас аз баррасӣ ворид намуд.

Лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санаи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон" тайёр карда шуда барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол карда шуд.

Корҳои тарғиб ва ташвиқи аҳолӣ бо истифода аз Воситаҳои ахбори омма идома доранд. Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ дар шабакаҳои телевизионӣ, радиои "Тоҷикистон", Агентии миллӣ иттилотии "Ховар" ва рӯзномаҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ, маҷаллаи илмӣ-иттилооти "Ҳарфи омор" мунтазам ахборот ироа ва нашр шуда истодааст.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи «Равзанаи ягона» то 1 июли соли соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ 322979 адад субъекти хоҷагидори фаъолияткунанда

ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 3,7 фоиз зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, соҳибкорони инфиродӣ фаъолияткунанда 291684 адад дар миқёси ҷумҳурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса нисбат ба соли 2018 4,1 фоиз зиёд гардидааст.

аз ин соҳибкорони инфиродӣ:

- Патент 103882 нафар, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018, 3,4 фоиз зиёд гардидааст;
- Шаҳодатнома 34450 нафар, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018, 4,1 фоиз зиёд гардидааст;
- Хоҷагиҳои деҳқонӣ 153351 адад, ки ин нишондод нисбат ба соли 2018, 4,5 фоиз зиёд гардидааст;

Инчунин, аз шумораи умумии субъектҳои хоҷагидор, то 1 июли соли 2019 шахсони ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ 31295 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондод дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 -ум 0,1 фоиз зиёд шудааст.

Дар давоми нимсолаи якуми соли 2019 дар дастгоҳи марказии Агентӣ мутобиқи банди 4, сархати 6-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 тасдиқ шудааст, як маротиба озмуни ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд. Дар озмун барои 17 ҷойи холӣ 32 нафар довталаб ҳуҷҷат пешниҳод намуданд. Мутобиқи руйхати кутоҳи довталабон 30 нафари дигар ба озмун даъват карда шуданд. Дар натиҷаи баргузории озмуни кушод 11 нафар ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ 7 – нафар дар дастгоҳи марказӣ ва 4 - нафар дар мақомоти омори ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ таъин карда шуданд. Дар нимсолаи якуми соли 2019 ҳамчунин мутобиқи банди 6 Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №1074 тасдиқ шудааст, 4 нафар ба ҷойивазкунии кадрӣ (ротатсия) фаро гирифта шуда, 2 нафар аз ҳисоби захираҳои кадрҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии категорияҳои якум ва дуюм таъин карда шуданд, 5 нафари дигар дар доираи як категория ба мансабҳои баробарарзиш гузаронида шуданд.

Дар дастгоҳи марказии Агентӣ аз рӯи басти вазифаҳо 78 ҷойи корӣ тасдиқ гардида, ба ҳолати 1 июли соли 2019 -м 4 ҷойи холӣ мавҷуд буда, 74 нафар фаъолият карда истодаанд.

Дар муҳлати сипаришуда дар Агентӣ ва мақомоти омори маҳалӣ аз 527 ҷойи корӣ, ки тибқи басти вазифаҳо тасдиқ гардидааст, 498 нафар хизматчии давлатӣ кору фаъолият карда истодаанд. Аз онҳо 140 нафарашон мансабҳои роҳбарикунанда мебошанд.

Ба ҳолати 10 июли соли 2019 ҳисоботи шакли 1–ХД (Хизматчии давлатӣ) барои нимсолаи якуми соли 2019 ҷамъбаст гардида, ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда шудааст.

Боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳамаҷониба аст, ки кормандони Агентӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва дараҷаи таҳсилот мунтазам кӯшиш менамоянд ва шумораи таҳсилоти олидошта сол аз сол меафзояд ва айни замон 11 нафар хизматчиёни давлатӣ дорои 2 таҳсилоти олӣ, аз ҷумла 5 нафар хатмкардагони магистратура мебошанд. Ҳамзамон, дар давраи соли 2019 - 2 нафар дар магистратураи Донишкадаи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси “Идоракунии давлатӣ” ба таҳсили яксола фаро гирифта шудаанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 кормандони Агентӣ, аз ҷумла ҷавонон барои таҷрибаомӯзӣ ва табодули назар дар ҷаласа ва семинарҳои омӯзишии соҳаи омор дар ИДМ ва дигар давлатҳои пешрафтаи дунё сафарҳои хизматӣ анҷом доданд, аз ҷумла шаҳрҳои Росия, Фаронса, Конфедератсияи Швейтсария, Ҷумҳурии Қазоқистон, Шоҳигарии Тайланд, Юнон, Қирғизистон, Ҷопон, Ҷумҳурии Сербия, Украина, Ҷумҳурии Индонезия, Белгия, Гурҷистон ва ғайраҳо.

Дар муҳлати сипаришуда ҷиҳати риоя намудани интизоми меҳнат, роҳ надодан ба пушидани либосҳои ғайри низомии хизмати давлатӣ, сарфакорӣ дар оростани дастархони идона, баргузор намудани ҷамъомадҳо дар дастгоҳи марказӣ ва мақомоти омори маҳаллӣ дастуру супоришҳо дода шуда, ҷиҳати дар амал татбиқ намудани талаботҳои Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими расму оин ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“ назорати қатъӣ бурда мешавад ва бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон рӯзҳои шанбеи ҳар ҳафта шанбегӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ҳар моҳ ба ҳукумати ҷумҳурӣ ҳисобот ирсол гардид.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 тибқи нақшаи кории тасдиқ кардашудаи Агентӣ барои санҷиш, расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор ва иштирок дар семинар – машваратҳо, омӯхтани таҷрибаи корӣ ба хориҷи дуру наздик дар маҷмуъ 202 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 37 нафар ва дохилӣ 165 нафар) кормандони мақомоти омор сафари хизматӣ доштанд, ки аз ин нишондиҳанда 108 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 28 нафар ва дохилӣ 80 нафар) кормандони Дастгоҳи марказӣ ва 94 нафар (берун аз ҷумҳурӣ 9 нафар ва дохилӣ 85 нафар) кормандони Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» мебошанд.

- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ВМКБ – 5 нафар, аз Роҳбарияти Агентӣ, Раёсати кишоварзӣ, барӯйхатгирии аҳолӣ ва аз Раёсатҳои омори захираҳои моддии Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои гузаронидани ҷаласаи ҷамъбастии солонаи Сарраёсати омори ВМКБ;
- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Суғд – 45 нафар, аз Роҳбарият ва Раёсатҳои кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, раёсати барӯйхатгирӣ барои иштирок дар ҷаласаи ҷамъбасти солона, санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;
- ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Хатлон – 46 нафар, аз Роҳбарият барои иштирок дар ҷаласаи ҷамъбастии Сарраёсат, ва Раёсатҳои барӯйхатгирӣ, омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, омори саноат ва инвеститсияҳо дар сохтмон, омори иҷтимоӣ, шъбаи таъмир ва нигоҳдории бинои Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;
- ба мақомоти маҳаллии омори ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 66 нафар, аз Раёсатҳои омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист, барӯйхатгирии аҳолӣ, шуъбаи нархҳо ва тарифаҳои Дастгоҳи марказӣ ва раёсатҳои омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист,

технологияҳои маълумоти коммуникатсионӣ, барномасозӣ, омори бақайдгирии нарх, тариф ва тадқиқи хоҷагии хонавода, банақшагирӣ, ҳисобот ва маъмурию хоҷагии Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» барои санҷиш ва расонидани ёрии амалӣ;

- ба Сарраёсати Агентии омор дар шаҳри Душанбе – 2 нафар аз ҷониби Раёсати омори саноат ва инвеститсияҳо дар сохтмон барои расонидани ёрии амалӣ сафари хизматӣ анҷом дода шудааст.

- ба хориҷи дуру наздик - 37 нафар барои иштирок дар ҷаласаҳои сатҳи байналмилалӣ семинар – машваратҳо, омӯзиш ва табодули таҷриба намуда, аз натиҷаи сафарҳои хизматиашон ба роҳбарияти Агентии омор ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намуданд.

Қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз корҳои иҷрошуда, дар фаъолияти мақомоти омор, ҳанӯз ҳам камбудиву мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз рӯи натиҷаи таҳлили фаъолияти кории мақомоти омор дар сатҳи минтақаҳо бори дигар маълум мегардад, ки барои таъмини сифати маълумоти оморӣ, аҳамияти аввалиндараҷа ба ҳисоботи аввалия, ки аз сатҳи ҷамоати шаҳраку деҳот бармеояд, зоҳир карда шавад.

Санҷиши муътамаднокии ҳисоботи оморӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи мақомоти омори давлатӣ мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2019 аз ҷониби роҳбарияти мақомоти маҳаллии омор, тибқи талаботи моддаи 515 кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба 527 нафар шахсони мансабдори корхонаву ташкилотҳо ба маблағи 201 ҳазору 130 сомонӣ ҷарима бастаанд, ки аз ин маблағ ба буҷаи давлат 169 ҳазору 248 сомонӣ ворид шудааст, ки 84,1 фоизи маблағи умумии ҷаримаи таъинкардашударо ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, роҳбарони мақомоти маҳалии омор бояд чораҳо андешанд, ки ҷаримаи басташуда дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба буҷаи давлатӣ пардохт карда шаванд. Дар сурати пардохт нашудани маблағҳои ҷаримаи таъиннамуда ба мақомоти салоҳиятдори маҳалҳояшон муроҷиат намуда, дар ин самт ҳамкории зичро ба роҳ монанд.

Мақомоти маҳаллии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар нимсолаи якуми соли 2019 дар ҷамъоварӣ, таҳия, коркарду пешниҳоди ҳисоботҳои оморӣ корҳои назаррасро иҷро намуданд.

Ба Муассисаи давлатии «Маркази кулли ҳисоббарорӣ» 4908 ҳисоботи оморӣ пешниҳод кардаанд, ки ин 100,0 фоизи иҷрои нақшаи корҳои омориро дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ташкил медиҳад. Аз он ҷумла: раёсатҳои омори саноат ва сармоягузорӣ дар сохтмон - 1086 ҳисобот, омори кишоварзӣ ва ҳифзи муҳити зист - 1122 ҳисобот, омори молия – 278 ҳисобот, бақайдгирии нархҳо ва тарифҳо – 272 ҳисобот, тадқиқоти буҷети хонаводаҳо - 330 ҳисобот, омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ - 578 ҳисобот, омори захираҳои моддӣ, савдо ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ - 805 ҳисобот, омори нақлиёт, алоқа, хоҷагии манзилию коммуналӣ, хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 437 ҳисобот.

Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо вобаста ба иҷрои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018, мақомоти омор вазифадор шудааст, ки шаклҳои пешниҳоди ҳисоботи оморӣ ва механизми ҷамъоварии маълумоти омориро мукаммал гардонад.

Маврид ба зикр аст, ки солҳои 2019-2021 - ум солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар ҷумҳурӣ эълон карда шуд ва ҳамчунин аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи 4-уми Стратегияи Миллии Рушд саноатикунонӣ қабул гардидан дар назди мақомоти омори мамлакат мақсад ва вазифаҳои навро ҷиҳати фарогирии навгониҳо дар самти рушди саноатикунонии кишвар, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ  мегузорад.

Лозим ба қайд аст, ки ҷиҳати иҷрои татбиқи Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 Барнома ва “Нақша чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020” ба тасвиб расидааст, ки Агентии омор вобаста ба иҷрои бандҳои Нақша - чорабинии татбиқи Стратегияи мазкур барои солҳои 2015 - 2017 ҳисоботи ҷамъбастии соҳавиро саривақт омода намуда, ба Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуд.

Илова ба ин дар давраи сипаригардидаи соли ҷорӣ тибқи нақшаи чорабиниҳои Барномаи зиддикорупсионии Агентии омор

ва ҳамзамон вобаста ба пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгарои бо ҷалби мутахассисони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати молиявӣ ва мубориза бо корупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони дастгоҳи марказии Агентии омор ва Муассисаи давлатии Маркази кулли ҳисоббарории Агентӣ ҳамоиш баргузор карда шуд, ки дар ҳамоиши мазкур вобаста ба маҳфумҳои асосии пешгирии корупсия ва шомилшавии ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротгарой суҳбатҳои озоду кушод баргузор карда шуд.

Бо мақсади иҷрои Барномаи корҳои оморӣ дар соли 2019, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020” ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии омор, Муассисаи давлатии “Маркази кулли ҳисоббарорӣ”-и Агентӣ ва мақомоти маҳаллии омор вазифадор карда мешаванд, ки дар доираи салоҳият ва ваколатҳои худ масъалаҳои дар боло зикргардидаро саривақт мавриди амал қарор диҳанд.

Иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гарави пешравиҳо буда, дар моҳҳои минбаъдаи соли 2019 дар назди мақомоти омор иҷрои чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

1. Иҷрои ҳатмии барномаи корҳои оморӣ дар соли 2019;
2. Таъмини иҷрои ҳатмии дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 ироа гардида;
3. Вусъат додани корҳои омодагии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, истифодаи захираҳои меҳнатии ҷалбшаванда дар ин самт, тақвият додани ҳамкориҳои судманд бо вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба барӯйхатгирии аҳолӣ, ҷалби шарикони рушд барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ;
4. Пурзур намудани кор дар самти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ”;
5. Таъмини саривақтии иҷрои бандҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020”;
6. Иҷрои саривақтии бандҳои дахлдори нақша-чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт;

7. Иҷрои босифати қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи омода намудани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба тирамоҳу зимистони солҳои 2019/2020"
8. Вусъат додани фаъолияти гурӯҳҳои корӣ оид ба пайгирии нишондиҳандаҳои Ҳадафҳои Рушди Устувор (таҳияи хазинаи маълумотҳо ва метамаълумотҳо, таҳияи лоиҳаи Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030, зина ба зина, ҷорӣ намудани модели умумии бизнес-равандҳои оморӣ тафсири 5,0;
9. Якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдор пурзӯр намудани корҳо дар самти ташаккули омори расмӣ дар ҳамаи соҳаҳо тибқи Таснифоти миллии маҳсулот ва хизматрасонӣ ва тафсири дуюми Таснифоти намуди фаъолияти иқтисодӣ, омодагӣ ба гузариш ба стандартҳои махсуси паҳнкунии иттилоот;
10. Гузаронидани санҷиши эътимоднокии маълумоти оморӣ аз рӯи таъмини ҳуҷҷатгузориҳои аввалияи корхонаву ташкилотҳо мутобиқи нақшаи тасдиқшудаи мақомоти омори маҳаллӣ;
11. Вусъат бахшидани корҳо дар самти зина ба зина ҷорӣ намудани коркарди ҳисоботи оморӣ бо истифода аз барномаҳои электронии махсуси таъминотӣ ва гузариш ба ҳисоботҳои омории электронӣ;
12. Иҷрои чорабиниҳои Стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия барои солҳои 2013-2020 ва Нақша - чорабиниҳо оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ барои солҳои 2016-2021;
13. Беҳтар намудани сифат, шаффофияти ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти оморӣ мутобиқи стандартҳои омори байналмилалӣ ва мукамалсозии механизми ҷамъоварии маълумоти оморӣ ва шаклҳои ҳисоботҳои оморӣ;
14. Таҳияи лоиҳаи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2020, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии рушди омор барои давраи то соли 2030";
15. Мустаҳкам намудани интизоми меҳнат мутобиқи низомномаҳои хизмати давлатӣ ва дохилӣ;
16. Таъмини иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақша чорабиниҳои тасдиқгардида.